Хулосаи

**роҳбари илмӣ доктори илми филология, профессор Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода ба диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогигӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз масоили мубрами илми педагогика - методики таълими адабиёт ихтисос дошта, ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии методикаи таълими каломи манзум дар шароити амалӣ намудани муносибати босалоҳит дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меградад, ки аз чанд ҷиҳат аҳаммияти илмию методӣ дорад: Аз ҷумла, татбиқи сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон, алалхусус дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар соҳаи маориф инъикос менамояд. Ҳамчунин, мавзуи таҳқиқи диссертатсия дар асоси лоиҳаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баланд бардоштани сифати таҳсилот муносибати босалоҳият ба таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ татбиқ менамояд, интихоб шудааст.

Диссертатсия Султонмамадова М.А. аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса, тавсияҳои методӣ ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни диссертатсия 219 саҳифа буда, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 194 номгӯй иборат буда, андозаву мундариҷаи он ба талаботи илмии диссертатсияҳои илмӣ ва методӣ ҷавобгӯст.

Мақсади таҳқиқи мавзуи диссертасия аз дидгоҳи назариявӣ асоснок кардан, аз ҷиҳати амалӣ коркард намудан ва аз лиҳози амалӣ дар озмоишҳои таълимӣ санҷидану аз таҷриба гузаронидани таълими каломи манзум вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, татбиқи амалии натоиҷи таълим бо истифода аз технологияи муосири таълим, замина гузаштан дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон ва хонандамеҳвар гардондани раванди таълим мебошад.

Дар боби аввал асосҳои назариявӣ ва методии муносибати босалоҳият ба таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми таҳқиқ шуда, тафовут ва ҷанбаҳои муштараки муносибати босалоҳият дар таълим бо

таълими суннатии каломи манзум бо далоили илм собит шудааст. Ҳамчунин дар ин боб таълими интерактивии омӯзиши каломи манзум ва нақши технологияи таълим дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону муаллимон муайян шуда, натоиҷи озмоишҳои педагогӣ доир ба таълими каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод шудааст.

Боби дувуми рисола, ки ба усули таълими ашъори ғиноӣ вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ихтисос дорад, нахуст, махсусияти таълим ашъори ғиноӣ дар зинаи ибтидоии таҳсил таҳқиқ шуда, сонияи, ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият дар раванди таълими ашъори ғиноӣ дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) ва курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) бо такя ба озмоишҳои педагогӣ таҳқиқ шуда, натиҷаҳои онҳо пешниҳод гардидааст.

Боби севум, ки «Муносибати босалоҳият дар таълими осори манзуми ҳамосӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" унвон дорад, Султонмамадова М.А. бо такя ба озмоишҳои педагогӣ намунаи таълими достону ҳикоятҳои манзумро дар курси хониши адабӣ ва курси таърихи адабиёт вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият бо дарназардошти суннатҳои ҷавобгӯ ба талаботи замони таълими анъанавӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, натоиҷи онҳоро пешниҳод намудааст.

Дар хулоса ба таври фишурдаву ихчам дар 15 банд натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқи мавзуъ пешниҳод шуда, ки дорои аҳаммияти илмию методӣ мебошанд. Тавсияҳои методиии муаллифи диссертатсия доир ба истифодаи амалии натоиҷи аз таҳқиқи мавзуъ ҳосилшуда дар 10 банд пешниҳод шуда, ки дар амал татбиқ намудани онҳо ҳангоми таълими фанни адабиёт, алалхусус каломи манзум метавонанд дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон ва баланд гаштани сифати таҳсилот мусоидат намоянд.

Қобил зикр аст, ки мавзуи диссертатсияи Султонмамадова М.А. аз масоили актуалии илми педагогика буда, ба яке аз самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Тоҷикистон, масъалаи таҳқиқи методикаи таълим бахшида шудааст. Навгонии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар илми педагогикаи тоҷики замони Истиқлол методикаи таълими каломи манзум вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифодаи усулҳои интерактивӣ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуда, шеваи тадриси ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳо замина мегузоранд, дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо мисолҳо ва далелҳои илмию методӣ собит шудааст. Муаллифи диссертатсия асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷикро дар муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ намуда, хусусиятҳои муштарак ва фарқи онро аз омӯзиши суннатии каломи манзум муайян кардааст; Ҳамчунин Султонмамадова М.А. роҳу усулҳои таълими каломи манзумро дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо истифодаи аз технологияи интерактивӣ пешниҳод мекунад, ки омӯзгорон метавонанд дар таълими каломи манзум ба сифати модули таълимӣ истифода баранд. Яке аз дастовардҳои дигар муаллифи диссертатсия он аст, ки камбуд ва норасоиву номутобиқатии

барномаи таълимию китобҳои дарсӣ ба синну соли хонандагон ҳангоми интихоби ашъори ғиноӣ ва ҳикояту достонҳои манзум бо далелҳои илмию методӣ исбот намуда, намунаҳои ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосиро барои се зинаи таҳсилот пешниҳод мекунад, ки мураттибони барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд аз онҳо истифода баранд.

Диссертатсияи Султонмамадова М.А. аз лиҳози назариявӣ ва методӣ қавӣ буда, ба ҳама меъёрҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди рисолаҳои номзадӣ зарур донистааст, ҷавобгӯст. Натоиҷи илмӣ, тавсияҳои методӣ ва хулосаҳои диссертант пояи илмию методӣ дошта, бо далелу мадракҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд. Забони диссертатсия илмӣ ва мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмию методӣ мебошад.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадова дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ доктори илми филология,
профессори кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Исрофилниё Ш.Р.
«20» июни соли 2024.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Деҳи боло,162
Тел.: (+992) 93 36 70 999;900909696
E-mail: isrofilniyo@ mail.ru
«20» июни соли 2024.

Имзои Ш.Р. Исрофилниёро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Юсуфова Б.Ғ.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17\6.
Телефон: +992-37) 2325029; 2325000;факс: +992372325003.
E-mail: rectorat/dbzkht.tj@mail.ru
«20» июни соли 2024.